# ТАҚРИЗИ МУҚҚАРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот. – Душанбе, 2025. – 194 с.**

***Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ***. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон таҳти унвони «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба бандҳои 2, 3, 4, 7, 8, 28 ва 29-и шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пурра мутобиқат дорад.

***Мубрамии мавзуи таҳқиқот.*** Муаллифи диссертатсия масъалаи бисёр мубрами замони навинро, ки вобаста ба таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ ва шароитҳои педагогии амалинамоии онҳо бахшида шудааст, мавриди таҳқиқ қарор додааст. Мубрамии мавзуи таҳқиқотии Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба таъкидҳои маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба эълон гардидани Солҳои 2020 -2040 – “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” асоснок карда шудааст.

Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар диссертатсия маҳз ба таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ, ки метавонад дар баланд бардории сатҳу сифати таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва амалигардонии он ин самти муҳими таълим таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, роҳҳои амалинамоии мавзуи мазкурро дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод кардааст.

Диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» аз лиҳози амалӣ ва назарӣ мубрам аст ва натиҷаҳои таҳқиқи он дар такмили таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ, омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, рушди ҷаҳонбинии илмӣ, инчунин, дорои донишҳои замонавӣ гардидани хонандагон дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавонанд саҳми арзанда ва назаррасро гузорад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.**

Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон зимни мавзуи таҳқиқотии худ дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳоро дар сатҳи баланд арзёбӣ кардааст. Муаллиф тавонистааст, ки на танҳо мубрамияти мавзуъро ба таври дақиқ нишон диҳад, балки натиҷаҳои бадастомадаро низ бо далели исботи онҳо ва усулҳои тадқиқотии замони муосир асоснок намояд.

Гузоришҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳое, ки дар диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» оварда шудаанд, бо ташаккул ва самарабахшии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли

масъалаҳои математикии матнӣ дар ҷараёни таълими математика ва фароҳам овардани шароитҳои педагогӣ асоснок карда мешаванд.

Ин шароитҳо ба назар гирифтани хусусиятҳои синнусолии хонандагон, истифодаи методҳои фаъоли таълим, таъмини робитаи математика бо воқеияти зиндагӣ, ҳамоҳангсозии таълим бо тарбияи маънавӣ ва ахлоқӣ ва ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо оила ва ҷомеаро дар бар мегиранд.

Муаллифи диссертатсия вобаста ба адабиёти илмӣ, таҳқиқоти мавҷуда дар соҳаи педагогика таҳлили амиқро анҷом додааст ва ин таҳлил имкон додааст, ки ҷиҳатҳои омӯхташуда ва кам омӯхташудаи мавзуи интихобкарда муайян гардад, инчунин, роҳҳои нави ҳалли мушкилот пешниҳод карда шаванд.

Пешниҳодоти дар диссертатсия овардашуда ба таҷрибаи фаъолияти унвонҷӯ нигаронида шудаанд ва аз ҷиҳати илмӣ-методӣ асоснок мебошанд. Ин пешниҳодҳо ба рушду такмили таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ тавассути ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ роҳандозӣ гардидаанд. Пайвастагии таҳқиқот бо барномаҳои давлатӣ, аз қабили «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», Солҳои 2020–2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» мувофиқ мебошад ва ба ин васила асосноккунии амалии пешниҳодотро боз ҳам тақвият медиҳад.

Дар умум, хулоса ва тавсияҳо ҷиҳати истифодаи амалии таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф дар асоси таҳлили натиҷаи таҳқиқот назариявию амалӣ пешниҳод шудаанд, ки аз саҳеҳӣ ва дурустии натиҷаҳои таҳқиқот гувоҳӣ медиҳад.

Муаллифи диссертатсия дар заминаи тамоюлҳои илмӣ мазмун, сохтор ва моҳияти таълими ҳамгирои фанҳои синфҳои ибтидоиро муайян кардааст, инчунин, самтҳои асосии робитаи байнифании математика бо фанҳои синфҳои ибтидоиро ҳамчун воситаи амалинамоии таълими ҳамгиро ошкор намудааст. Тибқи тамоюлҳои методологӣ шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии

фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матниро таҳия кардааст. Аз ҷониби муаллифи диссертатсия талаботҳо оид ба низоми масъалаҳои математикии матнӣ нигарони таълими ҳамгироии синфҳои ибтидоӣ тартиб дода шудаст. Сатҳ, меъёр ва нишондиҳандаҳои амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ аз ҷониби муаллиф муқаррар карда шудааст. Зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ беҳдошти модели шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ таҳия ва санҷида шудааст.

Муаллифи диссертатсия зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар натиҷаи озмоиши педагогӣ, самаранокии шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоиро собит кардааст. Дар асоси натиҷаҳои бадастомада вобаста ба таҳқиқот тавсияҳои муфид барои амалияи таълим дар синфҳои ибтидоӣ пешкаш гардидааст ва вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда пурра ҳаллу фасли худро ёфтааст, ки фарзияи илмии пешниҳодкардаи унвонҷӯ дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.**

Диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» дар ҳаҷми 194 саҳифаи чопи компютерӣ таҳия гардида аз муқаддима, 2 боб, 5 зербоб, хулоса, 9 расм, 10 диаграмма, 9 ҷадвал, рӯйхати адабиёт иборат аз 198 номгӯй ва замима иборат мебошад.

Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти мавзуи рисолаи илмиро асоснок кардааст. Дараҷаи омӯзиши онро арзёбӣ карда, объект, мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, инчунин, аҳаммияти назариявию амалии онро ба таври шояду бояд муайян намудааст.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ-методологии шароитҳои

педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ» номгузорӣ шудаас ва аз ду зербобу хулосаҳо иборат мебошад. Дар боби мазкур моҳият, мундариҷа ва аҳаммияти асосҳои назариявии маҷмуӣ, сохтор ва моҳияти таълими ҳамгироии фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ, муайнкунии роҳҳои асосии робитаи байни фанҳои математика бо забони модарӣ, табиатшиносӣ, санъат ва меҳнат чун воситаи амалигардонии таълими ҳамгиро фаро гирифта шудааст.

Дар зербоби якуми боби аввал доир ба масъалаҳои таҳлили илмии асосҳои назариявию методологии ташаккули таълими ҳамгироии фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ сухан рафта, «Асосҳои назариявии маҷмуӣ, сохтор ва моҳияти таълими ҳамгироии фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ тибқи тамоилҳои методологӣ» номгузорӣ карда шудааст.  Унвонҷӯ моҳият ва хусусиятҳои таълими ҳамгироиро ҳамчун равиши муосири таълимии байнифаннӣ ва воситаи баланд бардоштани сифат ва мазмуни таҳсилот муаррифӣ кардааст.

Зербоби дуюми боби аввали диссертатсия  «Муайянкунии самтҳои асосии робитаи байнифаннии математика бо забони модарӣ, табиатшиносӣ, санъат ва меҳнат ҳамчун воситаи амалинамоии таълими ҳамгиро» номгузорӣ карда шудааст.

Ин зербобро муаллиф ба таҳлили амиқи робитаҳои мазмунӣ ва методологии байни фанни математика ва дигар фанҳои таълимии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ бахшидааст. Зербоби мазкур самтҳои калидии ҳамгироии мазмунӣ ва равандии математика бо забони модарӣ, табиатшиносӣ, санъат ва меҳнатро таҳқиқ ва асоснок кардааст.

Аз ҷумла, боби дуюм «Амалинамоии шароитҳои педагогии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар раванди омезиши математикаи синфҳои ибтидоӣ» номгузорӣ гардида аз се зербоб ва хулоса иборат аст. Муаллифи диссертатсия дар ин боб технологияи педагогии ташаккули таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоиро дар дарсҳои математика мавриди таҳлилу озмоиш ва баррасӣ

қарор дода, усулҳои муосир ва самаранокро дар раванди таълим пешниҳод кардааст.

Зербоби якуми боби дуюм ба таҳия ва интихоби системаи масъалаҳои математикии матнӣ нигаронии таълим мувофиқи ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ бахшида шуда, зербоби дуюми боби мазкур «Роҳу воситаҳои истифодаи самараноки шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» номгузорӣ карда шудааст. Зербоби мазкур робитаи байнифаннӣ дар таълими синфҳои ибтидоӣ яке аз муҳимтарин роҳҳои татбиқи ҳамгироии донишҳо, малакаю маҳоратҳои илмӣ ва ҳаётӣ дар байни хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матниро фаро мегирад.

**О**змоиши педагогӣ ва ташхису коркарди омории натиҷаҳои бадастомада дар зербоби сеюми боби дуюм мавриди таҳқиқи муаллиф қарор дода шудааст. Татбиқи амалии модели шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгирои фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар озмоишҳои педагогиро муаллиф дар заминаи: муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7 ва №34-и шаҳри Душанбе, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№7,19,70-и шаҳри Ҳисор, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№14,38-и ноҳияи Шаҳринав гузаронидааст ва дар ин озмоишҳо 540 нафар хонандаи синфҳои ибтидоӣ ва 25 нафар омӯзгори синфҳои ибтидоиро ба корҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ ҷалб кардааст.

Хулосаи диссертатсия аз 8 банд иборат буда мухтавои асосии онҳо дар 24 интишороти илмии муҳаққиқ вабаста ба мавзуи диссертатсия гирд оварда шудаанд.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.***

Аҳамияти амалӣ: Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби муаллифони китобҳои дарсии математикаи

синфҳои ибтидоӣ ҳангоми таҳияи низоми масъалаҳои математикии матнӣ метавонанд кӯмак расонанд. Докторантҳо ва унвонҷӯён метавонанд аз сохтор ва мазмуни таълими ҳамгироии фанҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба пуррагӣ баҳра гиранд. Ин равандро омӯзгорон метавонанд дар рафти таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ истифода баранд.

Аҳамияти иқтисодӣ: Тарбияи насли ватандӯст ва дорои арзишҳои шаҳрвандӣ ин сармоягузорӣ ба ояндаи иқтисодии кишвар аст. Чунин шахсон дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар саҳмгузор хоҳанд буд. Ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ба рушди захираҳои инсонӣ мусоидат намуда, дар натиҷа, иқтисодиёти кишварро пеш мебарад.

Аҳамияти иҷтимоӣ: Таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи унвонҷӯ ба масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ таваҷҷӯҳ карда, метавонад дар рушди ҷомеа саҳми арзанда мегузорад. Тарғибу ташвиқи таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матн дар доираи барномаҳои таълимӣ ба эътирофи байналмилалии ин раванд ва дар ниҳоят, муаррифӣ гардидани хонандагон дар олимпиадаҳои байналмилалӣ мусоидат намояд, ки ин ба баланд бардоштани обрӯи миллӣ метавонад кӯмак кунад.

Қобили зикр аст, ки диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон аҳамияти калони илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта, истифодаи амалии натиҷаҳои он ба рушди соҳаи маориф ва илми кишвар ва тарбияи насли наврас саҳми арзанда хоҳад гузошт.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Муҳтавои асосии диссертатсия, хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқот дар 24 мақолаи илмии муаллиф ба табъ расидаанд. Аз ин теъдод 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи нашр омадаанд. Инчунин, муқаррароти асосии назариявӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷаласаҳои илмии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ ва конференсияҳои илмии дохилидонишгоҳии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантон ва донишҷӯёни Донишгоҳи далатии

омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мавриди муҳокима қарор дода шудааст.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.***

Диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» бо талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ва ҷавобгӯ мебошад, ки онро метавон чунин арзёбӣ намуд:

1. Муаллифи диссертатсия самаранокии усулҳои пешниҳодшударо бо истифодаи методҳои арзёбӣ ва озмоишҳо собит намуда тавонистааст, ки мувофиқати диссертатсияро ба талаботи Комиссия таъмин созад.

2. Методологияи дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодашуда бо стандартҳои илмӣ ва талаботи Комиссия мутобиқ мебошад ва муаллиф методологияи самаранок ва мувофиқро барои таҳқиқи мавзуъ интихоб кардааст.

3. Дар рисолаи илмӣ натиҷаҳои амиқ ва воқеӣ пешниҳод карда шудааст, ки шомили таҳлили дақиқи маълумот ва хулосабарории асосноканд, натиҷаҳо бо маълумотҳои қаблӣ муқоиса ва пешниҳоди хулосаҳои ба такмили низоми таълиму тарбия мувофиқ манзур шудаанд.

4. Дастовардҳо, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шудааст ва ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, расму ҷадвалҳо таъмин мебошад.

Автореферат, ки фишурдаи диссертатсия мебошад, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо низ холӣ нест, аз он ҷумла:

1. Хуб мебуд агар дар рисолаи илмӣ ҷиҳатҳои таъмини шароитҳои педагогии ҳалли масъалаҳои матнӣ аз нуқтаи назари методӣ тавсифи бештар мегардид, боз арзиши амалии рисоларо беҳтар мегардонид.

2. Ба ақидаи унвонҷӯ то чи андоза шароитҳои педагогии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ ва салоҳияти методии устод ба беҳтар гардидани раванди дарс мусоидат менамояд? Аммо саҳеҳияти он то чӣ андоза аст таҳлилу баррасӣ нашудааст.

3. Новобаста аз он, ки меъёри забони адабӣ ва услуби баёни маводи илмӣ-таҳқикотӣ ба меъёрҳои забони адабии ҳозираи тоҷик тибқи талабот мебошад вале баъзе хатогиҳои имлои, услубӣ ва техникӣ дар рисола ба назар мерасад.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо ба арзиши илмиву амалии диссертасия ягон таъсир намерасонанд.

***Хулосаи ҷамъбастӣ.***

1. Диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Довталаб ба ҳалли масъалаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионии худ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3. Диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон, ки дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267

тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** **Шехов Акбар Маҳмадиевич**
номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи забонҳо бо курси иттилооти компютерии МДТ "Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон"

"7" октябри соли 2025 .

ПОДПИСЬ Шехов А.М.
ЗАВЕРЯЮ
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ
" " 20 г.

**Суроға:** 735346, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кучаи Раҳмон Набиев, бинои 6, ҳуҷраи 18
**Тел.:** (+992) 900-04-97-97
**E-mail:** Akbar87@inbox.ru.

Имзои А.М Шеховро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои МДТ "Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон" **Ҳафизова Ф.А.**

**Суроғаи муассиса:** 735700,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Исмоили Сомонӣ 59, МДТ
"Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон"
**Тел.:** (+992-832) 250-31-42
**E-mail:** iposzrt@mial.ru.

"8" октябри соли 2025 .